# Пайғамбарлар 2



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.

# Ҳизқиёл




Ҳизқиёл 1:1-5


…ВА ДАР ДАРУНИ ИН ОТАШ ЧОР ҲАЙВОН БА НАЗАР МЕНАМУД.
ВА НАМУДАШОН МОНАНДИ ОДАМИЗОД БУД, АММО ҲАР ЯКЕ ЧОР РӮЙ ВА ЧОР БОЛ ДОШТ. РӮЙҲОЯШОН РӮЙҲОИ ОДАМ, ШЕР, ГОВ  ВА УҚОБ БУДАНД.
ДАР ФАЗОИ БАЙНИ ҲАЙВОНҲО ОТАШ ДАР ҲАРАКАТ БУД.


БОЛҲОИ ОНҲО БА ҲАМ МЕПАЙВАСТАНД. ҲАР ЯКЕ ҲАНГОМИ РОҲ РАФТАН РӮЙ НАГАРДОНДА, БА САМТИ РӮИ ХУД МЕРАФТАНД. БА ҲАР ҶОЕ КИ РӮҲ МЕХОСТ БИРАВАНД, МЕРАФТАНД.
ДАР ПАСИ ҲАР ЯК ҲАЙВОН ЧАРХИ ДУРАХШОН ДАР ЧАРХ БУД.
ВА ҲАНГОМЕ КИ ҲАЙВОНҲО РОҲ МЕРАФТАНД, ЧАРХҲО НИЗ НАЗДИ ОНҲО РОҲ МЕРАФТАНД.
ВА ҲАНГОМЕ КИ ҲАЙВОНҲО АЗ ЗАМИН БАЛАНД МЕШУДАНД, ЧАРХҲО НИЗ БАЛАНД МЕШУДАНД.
Ҳизқиёл 1:5-21


БАР САРИ ҲАЙВОНҲО СУРАТИ ФАЛАК ЧУНБУЛӮР МЕДУРАХШИД.
ВА ДАР ФАЛАКЕ КИ БАР САРИ ОНҲО БУД, СУРАТИ ТАХТЕ АЗ ЁҚУТИ КАБУД БУД.
БАР  ИН ТАХТ СУРАТЕ МИСЛИ НАМУДИ ОДАМИЗОД БУД.


ДУРАХШИ ПОКЕ ГИРДОГИРДАШ БУД.
ИН НАМУДИ СУРАТИ ҶАЛОЛИ ПАРВАРДИГОР БУД.
БАР РӮЙИ ХУД АФТИДАМ … ВА ОВОЗИ ӮРО ШУНИДАМ, КИ СУХАН МЕРОНД.
Ҳизқиёл 1:22-28


МАН ТУРО НАЗДИ БАНӢИСРОИЛ МЕФИРИСТАМ... НАЗДИ БЕИТОАТЕ КИ БА МАН ОСӢ ШУДААНД; ОНҲО МАРДУМИ ИСЁНГАРМЕБОШАНД.
МАН ТУРО БАР ХОНАДОНИ ИСРОИЛ ПОСБОН ГУЗОШТААМ.
ХИШТИ ХОМЕ ГИРВА ШАҲРИ УРШАЛИМРО БАР ОН НАҚШ КАШ.
ОНРО МУҲОСИРА НАМО ВА ИСТЕҲКОМОТЕ БА МУҚОБИЛИ ОН БИСОЗ.
ТОБАИ ОҲАНИНЕ ГИР, ВА ОНРО ЧУН ДЕВОРИ ОҲАНИНЕ ДАР МОБАЙНИ ХУДАТ ВА ИН ШАҲР МОН.
390 РӮЗ БАР ПАҲЛУИ ЧАПИ ХУД БИХОБ–БАРОИ ҲАР СОЛИ ГУНОҲИ ИСРОИЛ ЯК РӮЗ.
БАЪД 40 РӮЗ БАР ПАҲЛУИ РОСТИ ХУД БИХОБ – БАРОИ ҲАР СОЛИ ГУНОҲИ ЯҲУДО ЯК РӮЗ.
ИН ҚУРСҲОИ НОНИ МАХСУСРО ЧУНОН КИ МЕФАРМОЯМ, ХӮР, ВА БА ЧУНИН ТАРЗИ НАФРАТОВАР ПАЗ, ТО БА ХАЛҚ ЁДРАС НАМОӢ, КИ ОНҲО ДАР ЗАМИНЕ КИ МАН ОНҲОРО РАВОНА МЕКУНАМ, ХӮРОКИ НАФРАТОВАР ХОҲАНД ХӮРД.
МӮЙСАР ВА РИШАТРО ТАРОШ.
СЕЯКИ МӮЙҲОРО ДАР АНДАРУНИ ШАҲР СӮЗОН, СЕЯКАШРО ДАР АТРОФИ ОН РЕЗА-РЕЗА КУН, СЕЯКАШРО БА БОД ПАРОКАНДА НАМО, КАМЕ АЗ ОНҲОРО ДАР ДОМАНИ ХУДБАНД.
УРШАЛИМ НАЗАР БА ХАЛҚҲОЕ КИ ДАР ГИРДАШ МЕБОШАНД, БЕШТАР ИСЁН НАМУД, ВА РОҲҲОИ ОНҲОРО ПАЙРАВӢ НАМУД.


ПАЙҒАМБАРӢ ЗИДДИ КӮҲҲОИ ИСРОИЛ. МАН АЗ ДИЛИ ЗИНОКОРИ ОНҲО АНДӮҲГИН ШУДААМ. ОНҲО БАРОИ БАДКИРДОРӢ ВА АМАЛҲОИ НАФРАТОВАРАШОН, КИ МАН ДИДАМ, АЗ ХУД НАФРАТ ЭҲСОС ХОҲАНД КАРД.
ЗАМИН ПУР АЗ ХУНРЕЗӢ АСТ; БАРОИ ИН МАН БАДТАРИНИ ХАЛҚҲОРО БАР САРАШОН МЕОВАРАМ, ТО ХОНАҲОИ ОНҲОРО СОҲИБ ШАВАНД.
ГУНОҲИ ИСРОИЛ ВА ЯҲУДО ХЕЛЕ КАЛОН АСТ – ЧАШМИ МАН БАР ОНҲО РАҲМ НАМЕКУНАД ВА ОНҲОРО НАМЕБАХШАД.
КАРРУБИЁН БОЛҲОЯШОНРО ПАХН НАМУДА, АЗ ЗАМИН БОЛО РАФТАНД.
ВА ҶАЛОЛИ ПАРВАРДИГОР АЗ БОЛОИ ОСТОНАИ ИБОДАТГОҲ БЕРУН ОМАД.

Ҳизқиёл 6-10


ПАРВАРДИГОР БА САРВАРОНИ ШУМО МЕГӮЯД: «АЗ ШАМШЕР ХОҲЕД АФТОД, ВА МАН ШУМОРО ДОВАРӢ ХОҲАМ КАРД … ЗЕРО БА ФАРМУДАҲОИ МАН ПАЙРАВӢ НАКАРДЕД».
ҲАНГОМЕ КИ ИСРОИЛРО ДАР БАЙНИ ХАЛҚҲО ПАРОКАНДА МЕКУНАМ, ОНҲО МЕФАҲМАНД, КИ МАН ПАРВАРДИГОР ҲАСТАМ.
БА ПАЙҒАМБАРОНИ ДУРӮҒИН ПАЁМИ ЗЕРИНРО РАСОН …
«ВОЙ БА ҲОЛИ ПАЙҒАМБАРОНИ ДУРӮҒИН – ОНҲО ТАНҲО РӮҲИ ХУДРО ПАЙРАВӢ МЕКУНАНД ВА ЧИЗЕРО ДАР ПЕШИ ХУД НАДИДААНД!»
«ХУДО ОНҲОРО НАФИРИСТОДААСТ – СУХАНОНИ ОНҲО ИҶРО НАМЕШАВАНД!»
«ВА ШУМО, БУТПАРАСТОН! ШУМО БУТҲОИ ХУДРО БА ДИЛИ ХУД РОҲ ДОДАЕД, ВА ВАСВАСАИ ГУНОҲИ ХУДРО ПЕШИ РӮИ ХУД ГУЗОШТАЕД».
«ТАВБА КУНЕД, ВАГАРНА ПАРВАРДИГОР ЧОР БАЛОИ ДАҲШАТОВАРРО БАР ЗИДДИ ШУМО МЕФИРИСТАД – ШАМШЕР, ҚАҲТӢ, ҲАЙВОНОТИ ДАРАНДА ВА ВАБО».
ЧУНОН КИ ДАРАХТИ ТОКРО ДАР МИЁНИ ДАРАХТОНИ ҶАНГАЛ БА ОТАШ ГИРИФТОР КАРДААМ, ОНЧУНОН СОКИНОНИ УРШАЛИМРО ГИРИФТОР ХОҲАМ КАРД.
БА САБАБИ ХИЁНАТЕ КИ ОНҲО КАРДААНД, МАН ИН ЗАМИНРО ХАРОБАЗОР ХОҲАМ СОХТ.



Ҳизқиёл 16-20


БОБИЛ ШАМШЕРИ ДОВАРИИ ХУДО ЗИДДИ УРШАЛИМ ХОҲАД БУД.
ИНАК МАН БА ШУМО РӮ МЕОВАРАМ, ВА ШАМШЕРИ ХУДРО АЗ ҒИЛОФ КАШИДА, РОСТКОР ВА БАДКИРДОРРО АЗ ДАРУНИ ТУ НОБУД ХОҲАМ КАРД.
«БО ХУНЕ КИ РЕХТАЕД, АЙБДОР ШУДАЕД, ВА БО БУТҲОЕ КИ СОХТАЕД, ПАЛИД ГАРДИДАЕД».
«ҲАТТО КОҲИНОН ШАРИАТРО ПОЙМОЛ МЕНАМОЯНД ВА МУҚАДДАСОТИ МАРО НОПОК МЕКУНАНД».
СОМАРИЯ ФОҲИША ШУД, БА АШШУРИЁН ВА МИСРИЁН ДИЛ ДОД.
ДУХТАРИ УРШАЛИМ АЗ ОН ҲАМ БАДТАР ШУД. Ӯ БО МИСРИЁН ЗИНО МЕКАРД ВА БО АШШУРИЁН ХУФТУХОБ МЕКАРД.
АЗБАСКИ ТУ МАРО ФАРОМӮШ КАРДӢ, ВА ПУШТИ ХУДРО БА ТАРАФИ МАН ГАРДОНДӢ, ПАС ТУ НИЗ ПОДОШИ ФИСҚУ ФУҶУР ВА ЗИНОКОРИИ ХУДРО БАРДОР.


БА ИН ХАЛҚИ ИСЁНГАР МАСАЛЕ БИГӮЙ.
ДЕГЕ МОН ВА ДАР ОН ОБ РЕЗ. ОНРО БО БЕҲТАРИН ПОРЧАҲОИ ГӮШТ ПУР КУН. ЗЕРИ ДЕГ ОТАШ ДАРГИРОН, ТО КИ ОН ҶӮШАД.
БИНОБАР ИН ПАРВАРДИГОР ЧУНИН МЕГӮЯД:
«ВОЙ БА ҲОЛИ ИН ШАҲРИ ХУНРЕЗ! МАН ОТАШРО БЕШТАР МЕАФРӮЗАМ».
«ҲЕЗУМ ГУЗОР ВА ОТАШ ДАРГИРОН».
БОТИЛ НАМЕКУНАМ, ВА РИҚҚАТ НАМЕНАМОЯМ, ВА ПУШАЙМОН НАМЕШАВАМ; БАР ТИБҚИ РАФТОРАТОН ВА БАР ТИБҚИ КИРДОРАТОН БАР ШУМО ДОВАРӣ МЕКУНАМ».
БАЪД ПАРВАРДИГОР БА МАН ГУФТ, КИ ДАР ЯК ЛАҲЗА ЗАНАМРО – ҲАЛОВАТИ ЧАШМОНАМРО АЗ МАН МЕГИРАД.
АММО МАН БОЯД НАВҲА ВА ГИРЯ НАМЕКАРДАМ, РӮЯМРО НАМЕПӮШОНДАМ, ВА НОНИ АЗОДОРОНРО НАМЕХӮРДАМ.
МАН БОМДОДОН БО ҚАВМ СУХАН РОНДАМ, ДАР СУРАТЕ КИ ЗАНАМ ШОМГОҲ ВАФОТ КАРДА БУД.
Ҳизқиёл 24:1-17


МАН ОН ЧИРО, КИ ПАРВАРДИГОР ФАРМУДА БУД, БА ҶО ОВАРДАМ.ВА МАРДУМ АЗ МАН ПУРСИДАНД …
ОН ЧИ ТУ МЕКУНӣ, БАРОИ МО Чӣ МАЪНӣ ДОРАД?
«ПАРВАРДИГОР ХУДО ЧУНИН МЕГӯЯД, КИ ХОНАИ ПОКИ ХУДРО, КИ ҶАЛОЛИ ҚУВВАТИ ШУМО, ҲАЛОВАТИ ЧАШМОНИ ШУМО ВА МАРҲАМИ ҶОНИ ШУМОСТ, БА ХОРӣ ТАСЛИМ МЕКУНАМ».
«ПИСАРОНУ ДУХТАРОНАТОН АЗ ШАМШЕР ХОҲАНД АФТИД».
«АММО ШУМО РӮЙҲОЯТОНРО НАХОҲЕД ПӮШОНИД ВА НОНИ АЗОДОРОНРО НАХОҲЕД ХӮРД».
«ШУМО НАВҲА ВА ГИРЯ НАХОҲЕД КАРД – БАЛКИ БА САБАБИ ГУНОҲҲОИ ХУД ОБУ АДО ГАРДИДА, ПЕШИ ЯКДИГАР ОҲ ХОҲЕД КАШИД».
ОН ГОҲ МАН ПАЁМ ВА ПАЙҒАМБАРИИ ХУДОРО ЗИДДИ АММӮН, АДӮМ, ФАЛИШТИЁН, СУР ВА МИСР ПАХН НАМУДАМ.



«ВА БОЗ КАЛОМИ ПАРВАРДИГОР БАР МАН ФУРУД ОМАД».
«АГАР МАН БАР ЗАМИНЕ ШАМШЕР ОВАРАМВА ДИДБОН КАРНАЙ НАВОЗАД, АММО МАРДУМ ГӮШ НАДИҲАНД, ХУНАШОН БАРГАРДАНАШОН МЕШАВАД».
«АММО АГАР ДИДБОН КАРНАЙ НАНАВОЗАД, ВА ШАМШЕР ОМАДА, ҶОНИ КАСЕРО ГИРИФТОР КУНАД, ХУНИ ВАЙРО АЗ ДИДБОН ТАЛАБ МЕКУНАМ».
МАН ТУРО БАРОИ ХОНАДОНИ ИСРОИЛ ДИДБОН ТАЪЙИН НАМУДААМ.
ҲАНГОМЕ БА БАДКИРДОРЕГӯЯМ, КИ "АЛБАТТА МЕМИРӢ!", ВАЛЕ ТУ ОН БАДКИРДОРРО АЗ РОҲИ ӯ ОГОҲ НАКУНӣ ВАӮ ДАР ГУНОҲИ ХУД БИМИРАД, МАН ХУНИ ӯРО АЗ ДАСТИ ТУ ТАЛАБ МЕКУНАМ.
БА ОНҲО ГӮЙ, КИ МАН МУРДАНИ БАДКИРДОРРО ХОҲОН НЕСТАМ, БАЛКИ МЕХОҲАМ, КИ Ӯ АЗ РОҲИ ХУД ТАВБА КАРДА, ЗИНДА МОНАД. ЭЙ ХОНАДОНИ ИСРОИЛ, ЧАРО БИМИРЕД?
Ҳизқиёл 33:1-11


«ПАРВАРДИГОР МАРО ДАР РӮҲИ ХУД БЕРУН ОВАРД, ВА МАРО АНДАРУНИ САҲРОИ ПУР  АЗ УСТУХОНҲОИ ХУШК ГУЗОШТ».
ЭЙ ПИСАРИ ОДАМ! ОЁ ИН УСТУХОНҲО ЗИНДА ХОҲАНД ШУД?
ХУДОЁ ПАРВАРДИГОРО! ИНРО ТАНҲО ТУ МЕДОНӢ.
ЭЙ УСТУХОНҲОИ ХУШК, КАЛОМИ ПАРВАРДИГОРРО БИШНАВЕД!
ДАРБОРАИИНУСТУХ ОНҲОПАЙҒАМБАРӢ НАМО, ВАГӮЙ …
«…ПАЙҲО БАР ШУМО БА ВУҶУД МЕОВАРАМ, ВА ГӮШТ БАР ШУМО МЕРӮЁНАМ, ВА ПӮСТ БАР ШУМО МЕПӮШОНАМ».


«МАН РӮҲ ДАР ШУМО ДОХИЛ МЕКУНАМ ...»
«МАН РӮҲ ДАР ШУМО ДОХИЛ МЕКУНАМ, ВА ШУМО ЗИНДАМЕШАВЕД».
«ВА ШУМО ХОҲЕД ДОНИСТ, КИ МАН ПАРВАРДИГОР ҲАСТАМ».
ЭЙ ПИСАРИ ОДАМ! ИН УСТУХОНҲО ТАМОМИ ХОНАДОНИ ИСРОИЛ МЕБОШАНД.
ИНАК, ОНҲО МЕГӮЯНД: «УСТУХОНҲОИ МО ХУШК ШУД, ВА УМЕДИ МО БАРБОД РАФТ; МО НОБУД ШУДАЕМ».
МАН ШУМОРО БА ЗАМИНИ ИСРОИЛ МЕОВАРАМ,ВА ХОҲЕД ДОНИСТ, КИ МАН ПАРВАРДИГОР ҲАСТАМ.
РӮҲИ ХУДРО ДАР ШУМО ДОХИЛ ХОҲАМ КАРД, ВА ШУМО ЗИНДА ХОҲЕД ШУД.
Ҳизқиёл 37:1-14


«ДАР СОЛИ ПОНЗДАҲУМ ПАС АЗ ХАРОБ ШУДАНИ УРШАЛИМ ПАРВАРДИГОР ДАР РӮЪЁ МАРО БА УРШАЛИМ ОВАРД. ДАР ОН ҶО МАН МАРДЕРО ДИДАМ, КИ НАМУДАШ ЧУН МИС БУД. ДАР ДАСТАШ РЕСМОНЕ АЗ КАТОН ВА НАЙЕ БАРОИ АНДОЗА КАРДАН БУД».
«ДАР ИН ҶОХУДОБА МАН ИБОДАТГОҲИ ОЯНДАРО НИШОН ДОД, КИ ДАР ОН МАСЕҲ ОДИЛОНА ҲУКМРОНӢ ХОҲАД КАРД».
«МАРДЕ КИ НАМУДАШ ЧУН МИС БУД, БА МАН ДАРВОЗАҲО, САҲНҲО, ҲАМАИ ҲУҶРАҲО – ВА ХУДИ ИБОДАТГОҲРО НИШОН ДОД».
«МАН ҶАЛОЛИ ХУДОИ ИСРОИЛРО ДИДАМ, КИ АЗ ШАРҚ МЕОМАД».
«РӮЪЁЕ КИ МАН ДИДАМ, МОНАНДИ РӮЪЁЕ БУД, КИ ДАР НАЗДИ ДАРЁИ КАБАР ДИДА БУДАМ».
«МАН БА РӮИ ХУД АФТОДАМ».
«БАЪД РӮҲИ ХУДО МАРО БОЛО БАРДОШТА, БА САҲНИ ДОХИЛӢ ОВАРД, ВА ҶАЛОЛИ ПАРВАРДИГОРИБОДА ТГОҲРО ПУР КАРД».
«ВА НОМИ ШАҲР АЗ ОН Рӯз ЧУНИН ХОҲАД БУД–»
«ПАРВАРДИГ ОР ОН ҶОСТ».
Ҳизқиёл 40-48


ҲУШАЪ
ТАҚРИБАН 750 СОЛ ПЕШ АЗ ЗОДА ШУДАНИ МАСЕҲ КАЛОМИ ПАРВАРДИГОР БАР ҲУШАЪ ДОДА ШУД.
ИСРОИЛ, ПОДШОҲИИ ШИМОЛӢ, ЗЕРИ ҲУКМРОНИИ ЯК СИЛСИЛА ПОДШОҲОНЕ БУД, КИ ЗИДДИ ХУДО ГУНОҲ МЕКАРДАНД.
ДАР ЗАМОНИ ПОДШОҲИИ ЁРОБЪОМ ПАРАСТИШИ БУТҲО НА ТАНҲО ИҶОЗАТ ДОДА ШУДА БУД, БАЛКИ ТАҲСИН КАРДА МЕШУД.
КАЛОМИ ПАРВАРДИГОР, КИ БА ҲУШАЪ ДОДА ШУД, ДАЪВАТ БА МАРДУМ ОИД БА ОН БУД, КИ ОНҲО МУНОСИБАТҲОЯШОНРО БО ХУДО БАРҚАРОР КУНАНД.
ОНҲО ДАР ҲАМА ҶО МЕБОШАНД!

ҲУШАЪ 1:1


ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД: «ИНСОФРО КИШТ КУНЕД, ВА МАРҲАМАТРО ДАРАВ НАМОЕД».
«ШУМО БАДКИРДОРИРО КИШТ МЕКУНЕД, НОИНСОФИРО ДАРАВ МЕКУНЕД».
«ВАҚТЕ КИ ИСРОИЛ НАВҶАВОНЕ БУД, МАН ӮРО ДӮСТ ДОШТАМ».
«ӮРО АЗ МИСР ДАЪВАТ НАМУДАМ».
«АММО ҲАР ҚАДАР БЕШТАР ӮРО ДАЪВАТ МЕКАРДАМ, ҲАМОН ҚАДАР БЕШТАР ИСРОИЛ АЗ МАН РӮ МЕГАРДОНД».
«АКНУН ИСРОИЛ БАРОИ БААЛ ҚУРБОНӢ МЕКУНАД ВА БАРОИ САНАМҲО БУХУР МЕСӮЗОНАД».


БА СУХАНОНИ ТУ ҲЕҶ КАС АҲАМИЯТ НАМЕДИҲАД,«ПАЙ ҒАМБАР»!
ИН СУХАНОНИ МАННЕСТАНД!
МАН ПАЁМЕРО МЕРАСОНАМ, КИ ХУДОИ ЯГОНАИ ҲАҚИҚӢ БА МАН ДОДААСТ!


«ШУМО БОЯД АЗ ГУНОҲҲОЯТОН РӮ ГАРДОНЕДВА БА МАН РӮ ОВАРЕД!»
«ШУМО БОЯД РОСТИРО ДӮСТ ДОРЕД ВА БА МАРҲАМАТ МУСОИДАТ НАМОЕД!»
«МАН ПАРВАРДИГОР ҲАСТАМ,КИ ШУМОРО АЗ МИСР БАРОВАРДААМ!»
«АММО МАН БОЗ ШУМОРО ДАР ХАЙМАҲО СОКИН МЕКУНАМ!»
ТАМОМИ ХАЛҚ БА ГУНОҲАФТОДААСТ ВА ОШКОРО ХУДОЁНИ ДУРӮҒИНРО ПАРАСТИШ МЕКУНАД!
ВА БАДКИРДОРИҲОИ ҶИСМ ДАР РӮЗИ РАВШАН БА ҶО ОВАРДА МЕШАВАНД!
ЧӢ ГУНА СУХАНОН!
ШУМОЁН, КИ ХУДРО «ПАЙҒАМБАР» МЕНОМЕД, ФАҚАТ ЛАЪНАТРО МЕДОНЕД!
НЕ. НА ТАНҲО ЛАЪНАТ.
ПОДОШ ВА КАФОРАТ!
ТАВБА ВА БАРҚАРОРШАВӢ!
АММО АВВАЛ ШУМО БОЯД АЗ БАДӢ РӮЙ ГАРДОНЕД!
АММО БЕ ТАРК КАРДАНИ ГУНОҲҲО – ҲА…
…ИН ПАЁМ ТАНҲО ДАР БОРАИ ЛАЪНАТ ХОҲАД БУД!
ҲУШАЪ 12


АММОБА ҲУШАЪ НА ТАНҲО ПАЁМҲО ДОДА МЕШУДАНД.
БА Ӯ ҲАМЧУНИН ДАСТУРҲО ДОДА МЕШУДАНД.
ТУ МЕХОҲӢ… КИ МАН ЧӢ КУНАМ???
ХУДО МЕХОҲАД, КИ ТУ... ЧӢ???
БА ЗАНӢ ГИРӢ.
ИН ЗАНРО?!
МЕДОНӢ, Ӯ БА ҲАМА ШИНОС АСТ, ЧУН… Э..., ЧУН…
Ӯ… ӮГУНОҲКОР АСТ! Ӯ НОПОК АСТ! Ӯ НАФРАТОВАР АСТ!
Ӯ БАРОИ БАРОИ ГУНОҲҲОЯШ БОЯД САНГСОР КАРДА ШАВАД!
ИН ОН ЧИЗЕСТ, КИ ХУДО БА МАН ФАРМУДААСТ.
ОЁ ДАР ТАЙЁРӢ ДИДАН БА МАН ЁРӢ МЕДИҲӢ?
МАН… МАЙЛАШ.
АММО ЧАРО ХУДО ХОҲИШ МЕКУНАД, КИ ЧУНИН КУНӢ?
ОХИР, ТУ МЕФАҲМӢ, КИ Ӯ БА ТУ ВАФОДОР НАМЕШАВАД!
ҲА. МАН МЕФАҲМАМ, КИ ИН ОИЛАДОРШАВӢ – АҲД АСТ…



«…БАЙНИ МАРД ВА ЗАН».
«ВАЪДАИ ВАФОДОРӢ БА ЯКДИГАР».
«ХУДОБА МО, ХАЛҚИ Ӯ ВАЪДАҲОИ БИСЁР ДОДААСТ».
«ВА Ӯ ВАФОДОР БУД».
«АММОИСРО ИЛ ВАФОДОР НАБУД».
ХУДОБА МАН ГУФТ, КИ ЗАНАМ БА МАН ВАФОДОР НАМЕШАВАД …»
«…АЙНАН ҲАМОН ТАВРЕ КИ ИСРОИЛ БА Ӯ ВАФОДОР НАБУД».


ҲУШАЪ 1:2


МУДДАТЕ ГУЗАШТ.
ЧУНОН КИ ОДАТАН ПАС АЗ ОИЛАДОРШАВИИ МАРДУ ЗАН РӮЙ МЕДИҲАД …
…ОНҲО ПАС АЗ ЧАНДЕ ПАДАР ВА МОДАР ШУДАНД.
НОМИ Ӯ ИЗРЕЪИЛ АСТ!

ҲУШАЪ 1:3-4


ДАР ДАВОМИ ҲАФТАҲО ВА МОҲҲОҲУШАЪ МЕФАҲМОНД, КИ ЧАРО ПИСАРАШРО ЧУНИН НОМ ГУЗОШТААСТ.
«ИЗРЕЪИЛ», ҲУШАЪ?
ЧАРО? ОХИР, ДАР ОН ҶО ВОҚЕАҲОИ ДАҲШАТОВАР РӮЙ ДОДААНД!
АЙНАН ҲАМИН ТАВР. ПАРВАРДИГОР БА МАН ФАРМУД, КИ ИН НОМРО ИНТИХОБ КУНАМ.
Ӯ ГУФТ: «ПИСАРАТРО ИЗРЕЪИЛ НОМ ГУЗОР ...»
«...ЗЕРО БА ҚАРИБӢ МАН ХОНАДОНИ ПОДШОҲ ЯҲУРО ҶАЗО МЕДИҲАМ ...»
«...МОНАНДИ ОН КУШТОР ДАР ИЗРЕЪИЛ, КИ ЯҲУ БА АМАЛ ОВАРДА БУД».
ПАРВАРДИГОР БА МАН ГУФТ: «МАН ПОДШОҲИИ ИСРОИЛРО БАРҲАМ МЕДИҲАМ».
АЗ АФТИ КОР,ПАРВАРДИГОР МЕХОҲАД ОИЛАИ МАРО ЧУН ТИМСОЛИ ПАЁМҲОИ ХУД ИСТИФОДА БАРАД.
ОИЛАИ МАРО. ФАРЗАНДОНИ МАРО. ВА ҲАТТО…
«…ЗАНИ МАРО».
ҲАМОН ТАВРЕ КИ ХАЛҚИ ИСРОИЛ АЗ ХУДО РӮ ГАРДОНД ..
...ҶУМАР АЗ ШАВҲАРАШ ҲУШАЪ РӮ ГАРДОНД.
ҲУШАЪ 1:4-6


ҶУМАР ДУХТАР ТАВАЛЛУД КАРД.
ИН ДУХТАР ФАРЗАНДИ ҲУШАЪ НАБУД.
ӮРО ЧӢ НОМ МЕГУЗОРӢ, ҲУШАЪ?
МАГАР НА ПАДАР БОЯД ФАРЗАНДАШРО НОМ ГУЗОРАД?
БАРОИЧӢ ТУ АЗ МАН ХОҲИШ КАРДӢ, КИ БО ИН ЗАН ОИЛАДОР ШАВАМ?
Ӯ БА ҲАЁТИ МАН ТАНҲО ДАРД ВА ШАРМАНДАГӢ МЕОВАРАД!
АКНУН, БОЗ ИН ДУХТАР!
ҲУШАЪ
ӮРО «ЛӮ-РУҲОМА» НОМ ГУЗОР.
ЛӮ-РУҲОМА. «МАРҲАМАТНО ПАЗИР».
ҲА, ЗЕРО МАН АКНУН БАР ИСРОИЛ МАРҲАМАТ НАМЕКУНАМ…
«…АММОБАР ХОНАДОНИ ЯҲУДО МАРҲАМАТ МЕКУНАМ ВА ОНҲОРО НАҶОТ МЕДИҲАМ!»
«ОНҲОРО НА БО МУҲОРИБАҲО ВА ЛАШКАРҲО НАҶОТ МЕДИҲАМ».
АЗ ҲАМИН САБАБ ПАРВАРДИГОР БА МАН ФАРМУД, КИ КӮДАКРО ЧУНИН НОМ ГУЗОРАМ!
ҲУШАЪ 1:6-7


ВА ҶУМАР БОЗ ЯК КӮДАК – ПИСАР ТАВАЛЛУД КАРД.
БОЗ ҲАМ, ПАДАРИ Ӯ ҲУШАЪ НАБУД.
КӮДАКРО ЧӢ НОМ МЕГУЗОРӢ? ОЁ ПАРВАРДИГОРНОМЕ БАРОИ Ӯ МУҚАРРАР КАРДААСТ?
ҲА. НОМИ Ӯ «ЛӮ-АММӢ» МЕШАВАД.
«ЛӮ-АММӢ»? ИН ЧӢ МАЪНО ДОРАД?
«НА ҚАВМИ МАН»!!!
ПАРВАРДИГОРВАЪДА ДОДААСТ, КИ ФАРЗАНДОНИ ИБРОҲИМ ЧУН РЕГИ БАҲР СЕРШУМОР МЕШАВАНД!
АММО Ӯ МЕГӮЯД:«ШУМО ҚАВМИ МАН НЕСТЕД, ВА МАН ХУДОИ ШУМО НЕСТАМ!»
ШУМО ЧУН ЗАНЕ ҲАСТЕД, КИ АЗ ШАВҲАРАШ РӮ ГАРДОНДААСТ!
АММО УМЕД АЗ БАЙН НАРАФТААСТ!
ПАРВАРДИГОР ҶАЗОРО ВАЪДА МЕДИҲАД!
АММО ҲАМЧУНИН БАРҚАРОР НАМУДАНРО!
ТУ ХУБ СУХАН РОНДӢ,ҲУ ШАЪ.
ИН ПАЁМҲО БА МАН ҲАЛОВАТ НАМЕОВАРАНД.
ҲАНГОМЕ ХАЛҚ АЗ ХУДО РӮ МЕГАРДОНАД, Ӯ ДАРДРО ЭҲСОС МЕНАМОЯД, ВА МАН ИН ДАРДРО ХЕЛЕ ХУБ МЕФАҲМАМ …



РӮЗҲО ГУЗАШТАНД. ҲАФТАҲО ГУЗАШТАНД. МОҲҲО ГУЗАШТАНД. СОЛҲО ГУЗАШТАНД.
ФАРЗАНДОН ДАР ОИЛАИ ҲУШАЪ БА ВОЯ РАСИДАНД.
ВА ҶУМАР МУВОФИҚИ ХОСТИ ХУД АМАЛ КАРДАНРО ДАВОМ МЕДОД, ТО ДАМЕ КИ...
БИЁ БА ХОНА МЕРАВЕМ. ПАГОҲ БА ОХИР МЕРАСОНЕМ.
ЛӮ-РУҲОМА, МОДАРАТ ДАР КУҶОСТ?
Ӯ САҲАРӢ РАФТ.
ОЁ Ӯ ГУФТ, КИ БА КУҶО МЕРАВАД?
Ӯ ГУФТ, КИ БА ШАҲР МЕРАВАД. АММО НАГУФТ, КИ БАРОИ ЧӢ.
ФАҚАТ ГУФТ, КИ ДАР ОН ҶО БУДАНАШ БАРОИ Ӯ БЕҲТАР АСТ.
ОЧААМ ДАР КУҶОСТ?
МАН НАМЕДОНАМ.
ИЗРЕЪИЛ, РАФТА АСПИ МАРО ЗИН КУН.
МАН БОЯД АНИҚ НАМОЯМ, КИ БО МОДАРАТ ЧӢ БОЯД КАРД …


МАН НАМЕДОНАМ, КИ ОЁ ӮРО МЕЁБАМ Ё НЕ. МАН ӮРО ДАР ҲАМА ҶО ҶУСТУҶӮ КАРДАМ …
ИН ӮСТ?
ҲА!ИН ӮСТ!
ҶУМАР?
ҲУШАЪ! ДАР ИН ҶО ЧӢ МЕКУНӢ?
ТУРО МЕҶӮЯМ !
ХУДАТДАР ИН ҶО ЧӢ МЕКУНӢ?
ҲАЁТИ БЕҲТАРРО МЕҶӮЯМ!
ҲАЁТИ САРВАТМАНДОНА ВА БАРОҲАТ, КИ ДАСТМУЗДИ ДЕҲҚОН БАРОИ ОН КИФОЯ НЕСТ!
АММО… ФАРЗАНДОН …
…ҶУЗЪИ ИН ҲАЁТИ БЕҲТАР НЕСТАНД!
ҶУМАР, ОЁ ИН КОРИ ТУ АЗ РӮИ ИНСОФ АСТ?
МАН ХЕЛЕ БЕШТАР АЗ ДАСТМУЗДИ ТУ ПУЛ БА ДАСТ МЕОВАРАМ!
МАН БАРОИ ТУ ҒАМХОРӢ МЕКУНАМ! МАН БАРОИ ТУ МАСЪУЛИЯТРО БА УҲДА ГИРИФТААМ!
ВА АКНУН БА ТУ ЛОЗИМ НАМЕОЯД!
ХУДО БА МАН ФАРМУД, КИ ӮРО БА ЗАНӢ ГИРАМ.
Ӯ БА ТУ ГУФТ, КИ ЧУНИН МЕШАВАД.
АКНУН ЧӢ МЕКУНӢ?
БА ФИКРАМ, БА ОН ЧИ АКНУН МЕФАРМОЯД, ГӮШ МЕДИҲАМ.


ҲУШАЪ БА ХАЛҚ РАСОНДАНИ ПАЁМИ ХУДОРО ДАВОМ МЕДОД.
КАЛОМИ ПАРВАРДИГОР РО ГӮШ КУНЕД.
АЙБНОМАЕРО, КИ Ӯ ЗИДДИ ШУМО ДОРАД, ГӮШ КУНЕД.
«НА РОСТӢ ҲАСТ, НА МАРҲАМАТ ВА НА ШИНОХТАНИ ХУДО БАР ИН ЗАМИН!»
«ҲАТТО КОҲИНОНИ ШУМО ҶАЛОЛИ ХУДОРО ДАР ИВАЗИ ГУНОҲ РАД МЕКУНАНД!»
«РӮҲИ ЗИНОКОРӢ ОНҲОРО ДАР ИШТИБОҲ АНДОХТААСТ, ВА ОНҲО ДАР ҲАҚҚИ ХУДОИ ХУД ХИЁНАТ КАРДААНД!»
ШУМО БАРКАШИДА ШУДАЕД:
«ШУМО ВИҶДОНФУРӮШ ҲАСТЕД. ШУМО ИСЁНКОР ҲАСТЕД. ШУМО БАДКИРДОР ҲАСТЕД».
«ҒУРУРАТОН ЗИДДИ ШУМО ШАҲОДАТ МЕДИҲАД».
«МАН АЗ ШУМО ШИНОХТАНИ ХУДОРО БЕШТАР АЗ ҚУРБОНИҲОИ СӮХТАНӢ МЕХОҲАМ».
«ШУМО, ЧУН ОДАМ, АҲДИ БО МАН БАСТАШУДАРО ШИКАСТЕД».
«ШУМО РОНДА МЕШАВЕД ВА ДАР МИСР ШАРМСОР МЕГАРДЕД».
«ОНҲО БОДРО КОШТАНД, БИНОБАР ИН ТУНДБОДРО ХОҲАНД ДАРАВИД».
«ШАРИАТ РАД КАРДА ШУДААСТ».
«ҚУРБОНГОҲҲОЕ КИ БАРОИ КАФОРАТИ ГУНОҲ МУҚАРРАР ШУДА БУДАНД, ҚУРБОНГОҲҲО БАРОИГУНОҲ ГАРДИДААНД».
«АЗ БОИСИ БИСЁР БУДАНИ ГУНОҲҲОЯТОН ШУМО ПАЙҒАМБАРОНРО БЕАҚЛ ВА ДЕВОНА МЕҲИСОБЕД».
«МАНШУМОРО РАД МЕКУНАМ, ЧУНОН КИ ШУМО МАРО РАД КАРДЕД!»

ҲУШАЪ 2, 4-6, 8-9


АММО БОЗ ҲУШАЪ НА ТАНҲО ПАЁМ БА ДАСТ ОВАРД.
БА Ӯ ДАСТУРҲОИ МУШКИЛ ДОДА ШУДАНД.
ТУ МЕХОҲӢ, КИ МАН ЧӢ КУНАМ???
ХУДО МЕХОҲАД, КИ ТУ ЧӢ КУНӢ???
ХУЛОСА, МАН БОЯД ӮРО АЗ НАВ ДӮСТ ДОРАМ, АГАРЧИ Ӯ АЗ МАН РӮ ГАРДОНДА НАЗДИ ДИГАРЕ РАФТААСТ.
«ӮРО ДӮСТ ДОР, – ГУФТ ПАРВАРДИГОР,– ЧУНОН КИ ХУДО ИСРОИЛИЁНРО ДӮСТ МЕДОРАД…»
«…АГАРЧИ ОНҲО БА ХУДОЁНИ ДИГАР РӮ ОВАРДААНД».
ОЁ БАРОИ ЁФТАНИ Ӯ БА МАН ЁРӢ МЕДИҲӢ?
МАН ШУНИДАМ, КИ Ӯ АКНУН КАНИЗ АСТ.
КАНИЗ?
ҲА…
«…АЛБАТТА ИН НА ҲАЁТИ САРВАТМАНДОНА ВА БАРОҲАТ АСТ, КИ Ӯ ХОҲОНИ ОН БУД».

ҲУШАЪ 3:1


ДЕРТАР…
ҲУШАЪ, ШАБОНА ДАР ИН ҶО ГАШТУГУЗОР КАРДАН БА МАН НА ОН ҚАДАР МАЪҚУЛ АСТ...
АНА Ӯ!
ҶУМАР!
ҲУШАЪ?
ТУ КИСТ Ӣ?
МАН БОЯД БО ТУ ДАР ХУСУСИ ИН ЗАН ГАП ЗАНАМ!
Ӯ ЗАНИ МАН АСТ.
Ӯ МОЛИКИЯТИ МАН АСТ!
НЕ, ИН ТАВР НЕСТ.
ТУ БА ИН ЧӢ КОР ДОРӢ? ОХИР, ТУ БОЯД ДОНӢ, КИ ИН ЧӢ ГУНА ЗАНАСТ!
ҲАҚИР ВА НОЧИЗ!
НЕ.
НАБАРОИ МАН.
МАН ТАЙЁРАМ ФИДЯ ДОДА ӮРО ХАРАМ.
ЧАНД ПУЛ МЕДИҲӢ?
ПОНЗДАҲ СИҚЛ НУҚРА.
АГАР ӮРО ДАР БОЗОР ФУРӮШАМ, СӢ СИҚЛ БА ДАСТ ОВАРДА МЕТАВОНАМ.
МАН СӢ СИҚЛ НАДОРАМ. АММО…
ҲУШАЪ 3:2


…МАН БА ҚАРИБӢ ҲОСИЛ ҒУНДОШТАМ.
МАН ПОНЗДАҲ СИҚЛИ БОҚИМОНДАРО БО ҒАЛЛА АДО КАРДА МЕТАВОНАМ.
ПОНЗДАҲ СИҚЛ НУҚРА?
ВА ЯКУНИМ ҲӮМЕР ҶАВ?
ТАСАВВУР КАРДА НАМЕТАВОНАМ, КИ ДАР Ӯ ЧӢ ЧИЗИ АРЗИШНОК ЁФТАӢ …
…АММО АГАР ИН НАРХРО ПАРДОХТАНӢ БОШӢ, МАН РОЗӢ ҲАСТАМ.
РӮЗИ ДИГАР.
БАРОИ ЧӢ,ҲУШАЪ? ПАС АЗ ҲАМАИ ОН ЧИ МАН БА ТУ КАРДАМ?
ТУРО АЗ ҲАЁТИ ДУР АЗ МАН БОЗХАРИД НАМУДАМ.
ЧУНОН КИ ПАРВАРДИГОР НИЗ ХАЛҚИ ХУДРО БОЗХАРИД МЕКУНАД.
ТУ РӮЗҲОИ ЗИЁД ДАР ИН ҶО БО МАН ХОҲӢ БУД.
ДАР ИН ҶО БАРОИ ТУ МАРДИ ДИГАРЕ НАХОҲАД БУД.
МАН МЕТАВОНИСТАМ АЗ ТУ ҶУДО ШУДА, ЗАНИ ДИГАР ГИРАМ.
АММО МАН ҲЕҶ ГОҲ ЗАНИ ДИГАР НАХОҲАМ ДОШТ.
ХУДО ТАВР МУҲАББАТ ВА МАРҲАМАТИ ХУДРО БА МАН ОМӮЗОНД.
ИН ПАЁМЕСТ, КИ АКНУН МАН БО ФАҲМИШИ АМИҚТАР БА МАРДУМ РАСОНИДА МЕТАВОНАМ.
ИН ЧӢ ПАЁМ АСТ?
БАРОИИСР ОИЛ?
ҲА, ДАР ХУСУСИ ОН КИ ОНҲО АЗ ПАРВАРДИГОР РӮ ГАРДОНДАНД, АММО БАРМЕГАРДАНД… СӮИ Ӯ …

ҲУШАЪ 3:2-5


…ВА МЕҲРУБОНИ И Ӯ!
ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД: «ШУМО МЕДОНЕД, КИ ТАНҲО МАН ХУДО ҲАСТАМ»
«ШУМО НАҶОТДИҲАНДАИ ДИГАР НАДОРЕД».
«МАН БА ШУМО РИЗҚУ РӮЗӢ МЕДОДАМ, АММО ҲАНГОМЕ КИ МАН ИН КОРРО МЕКАРДАМ, ШУМО ҲАВОБАЛАНД ВА МАҒРУР ШУДА, МАРО ФАРОМӮШ МЕКАРДЕД!»
СӮИ ПАРВАРДИГОР БАРГАРДЕД. АЗ Ӯ ХОҲИШ НАМОЕД, КИ ҲАМАИГУНОҲҲОЯТОНРО БАХШАД!
АЗӮ ИЛТИҶО НАМОЕД, КИ ШУМОРО ҚАБУЛ КУНАД!
ҲЕҶ КАСИ ДИГАР ШУМОРО НАҶОТ ДОДА НАМЕТАВОНАД!
ЧУНИН КУНЕД, ВА ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД: «МАН ОНҲОРО ШИФО ХОҲАМ ДОД, ОНҲОРО ДӮСТ ХОҲАМ ДОШТ ВА ҒАЗАБИ ХУДРО АЗ ОНҲО ДУР ХОҲАМ КАРД».
«ИСРОИЛ САБЗУ ХУРРАМ ВА ҲОСИЛХЕЗ ШУДА, САМАРҲОЕ ХОҲАД ОВАРД, КИ ТАНҲО МАН АТО КАРДА МЕТАВОНАМ!»
КАДОМИ ШУМО ХИРАДМАНД АСТ? ШУМО БОЯД ШУНАВЕД ВА ФАҲМЕД!
РОҲҲОИ ХУДО ДУРУСТ АСТ!
РОСТКОРОН ДАР ОНҲО ҚАДАМГУЗОР МЕБОШАНД!
ВАЛЕКИН ГУНОҲКОРОН ДАР ОНҲО ПЕШПО МЕХӮРАНД!

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**